# 14102 - Кор кардан дар корхонаҳои шаробсозӣ

**савол**

Саволдиҳандае аз Гомбиё мепурсад: Ҳукми мусалмоне, ки шароб ё маводи мухаддир мефурӯшад, чист? Оё метавон ӯро мусалмон номид ё на? Ҳукми мусалмоне, ки дар корхонаи шаробсозӣ кор мекунад, чӣ гуна аст? Оё ӯ бояд аз кори худ даст кашад, агар дигар ҷойи кор пайдо накунад?

**Ҷавоби муфассал**

Фурӯши шароб ва дигар чизҳои ҳаром гуноҳи бузург аст. Кор кардан дар корхонаҳои истеҳсоли шароб ҳаром ва ва кори зишт аст, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَتَعَاوَنُوا عَلَى الْبِرِّ وَالتَّقْوَى وَلا تَعَاوَنُوا عَلَى الإِثْمِ وَالْعُدْوَانِ

سورة المائدة: ٢

**«Ва ҳамдигарро дар некӯкориву парҳезгорӣ кӯмак кунед ва ҳамдигарро дар гуноҳу таҷовуз кӯмак накунед».** (Сураи Моида: 2).

Бешак, фурӯхтани шароб, маводи мухаддир ва сигор аз ҷумлаи кӯмак кардан ба гуноҳу таҷовуз аст. Ҳамин тавр, кор кардан дар корхонаҳои шаробсозӣ низ кӯмак ба гуноҳу таҷовуз аст.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِنَّمَا الْخَمْرُ وَالْمَيْسِرُ وَالأَنصَابُ وَالأَزْلامُ رِجْسٌ مِنْ عَمَلِ الشَّيْطَانِ فَاجْتَنِبُوهُ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ ۝ إِنَّمَا يُرِيدُ الشَّيْطَانُ أَنْ يُوقِعَ بَيْنَكُمْ الْعَدَاوَةَ وَالْبَغْضَاءَ فِي الْخَمْرِ وَالْمَيْسِرِ وَيَصُدَّكُمْ عَنْ ذِكْرِ اللهِ وَعَنْ الصَّلاةِ فَهَلْ أَنْتُمْ مُنتَهُونَ

سورة المائدة: ٩٠-٩١

**«Эй касоне, ки имон овардаед, шароб ва қимор ва бутҳо ва азлом (як навъ қуръапартоӣ) палид ва аз амали шайтон аст, пас аз онҳо дурӣ ҷӯед, то растагор**

**шавед. Шайтон мехоҳад ба василаи шаробу қимор дар байни шумо адовату кина эҷод кунад ва шуморо аз ёди Аллоҳ ва аз намоз боздорад, пас оё шумо худдорӣ мекунед?»**. (Сураи Моида: 90 - 91).

Дар ҳадиси саҳеҳ омадааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) хамр (шароб, май), нӯшандаи он, соқии он, истеҳсолкунандаи он, фармоишгари он, интиқолдиҳандаи он, оне ки барои ӯ интиқол дода мешавад, фурӯшандаи он, харидори он ва шахсеро ки пули онро мехӯрад, лаънат кардааст.

Ҳамчунин дар ҳадиси саҳеҳе омадааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:

**«Ҳамоно аҳду паймони Аллоҳ аст, ки ҳар кас дар ҳолати нӯшидани шароб бимирад, ӯро аз "тинату-л-хабол" бинӯшонад».**

Аз ӯ пурсиданд: Эй Расулуллоҳ! "Тинату-л-хабол" чист?

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд:

**«Афшурда (яъне хуну зардоб ва чирку рим)-и бадани дӯзахиён аст».**

**«Арақи дӯзахиён аст».**

Ҳукми касе ки чунин амалро анҷом медиҳад, гунаҳкору фосиқ мебошад ва имони ӯ нопурра аст. Дар рӯзи қиёмат, таҳти иродаи Аллоҳ таъоло қарор хоҳад гирифт, ки агар бихоҳад, гуноҳи ӯро мағфират намуда, ӯро мебахшад ва агар бихоҳад, ӯро ҷазо медиҳад, агар пеш аз марг тавба накарда бошад, тибқи ақидаи аҳли суннат ва ҷамоъат, чунки Аллоҳ таъоло мефармояд:

إِنَّ اللهَ لاَ يَغْفِرُ أَن يُشْرَكَ بِهِ وَيَغْفِرُ مَا دُونَ ذَلِكَ لِمَن يَشَاء

سورة النساء: ٤٨

**«Харойина Аллоҳ ин гуноҳро, ки ба ӯ ширк оварда шавад, намеомурзад ва ғайри онро барои ҳар ки бихоҳад, меомурзад»**. (Сураи Нисо: 48).

Ин ҳукм дар ҳоле татбиқ мешавад, ки агар ӯ шаробро ҳалол нашуморад. Аммо агар онро ҳалол бидонад, кофир мешавад. Дар ин сурат, агар ӯ онро ҳалол шуморида (дар ҳолати куфр) бимирад, ӯ шуста намешавад ва намози ҷаноза барояш хонда намешавад, дар назди тамоми донишмандон, зеро ӯ бо ин кор инкоркунандаи Аллоҳ таъоло ва расули Ӯ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба ҳисоб меравад.

Ин ҳукм на танҳо барои шароб аст, балки ҳамчунин барои ҳар касе ки зино, ливота, рибо (судхӯрӣ) ва ё дигар амалҳое, ки бо иҷмоъи донишмандон ҳаром аст, монанди нофармонӣ ба падару модар, қатъи робитаи хешутаборӣ, куштани шахс бе ҳақро ҳалол шуморад.

Аммо агар шахс ин гуноҳон ё баъзе аз онҳоро бидонад, ки ҳароманд ва бидонад, ки нофармонии Аллоҳ таъолоро анҷом дода истодааст, вале бо вуҷуди ин содир кунад, пас ӯ кофир намешавад, балки фосиқ аст, ки пеш аз марг тавба накунад, дар охират таҳти иродаи Аллоҳ хоҳад буд, чунон ки дар боло дар мавриди ҳукми шаробнӯш гуфта шуд.

Аллоҳ соҳиби тавфиқ аст".